ХУЛОСАИ НИҲОИИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 29.12.2022, №21

Барои сазовор донистани Азизов Фируз Шарифович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология.

Диссертатсияи Азизов Фируз Шарифович дар мавзуи «Ток-шоу ҳамчун жанри телевизионӣ (дар мисоли барномаҳои Телевизиони Тоҷикистон ва Телевизиони Сафина)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №23) 6 октябри соли 2022, суратмаҷлиси №14 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Азизов Фируз Шарифович 1-уми сентябри соли 1979 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2000 факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро бо ихтисоси журналист хатм кардааст.

Аз соли 2007 дар Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» ба ҳайси журналист фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: Қутбиддинов Абдулмуъмин Ҳошимович – доктори илми филология, дотсент, декани факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ: **Муъминҷонов Зулфиддин**, доктори илми филология, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» ва **Исмоилзода Зиннатуллоҳ** – номзади илми филология, раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

Муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи журналистика ва назарияи тарҷума, номзади илми филология, дотсент Комилов Каримбой, эксперт – номзади илми филология, дотсент Сатторова Замира, котиби илмии ҷаласа – номзади илми филология, дотсент Қосимова Инобат имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илми таърих, профессор Усмонзода Аюб Ислом тасдиқ шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Азизов Фируз Шарифович дар мавзуи «Ток-шоу ҳамчун жанри телевизионӣ (дар мисоли барномаҳои Телевизиони Тоҷикистон ва Телевизиони Сафина)» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи рӯзноманигорӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок мекунанд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф намудаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Азизов, Ф. Жанри ток-шоу дар телевизионҳои Амрико / Ф. Азизов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – № 8 (205). – С. 194-199.

[2-М]. Азизов, Ф. Уфуқҳои эҷод дар жанри ток-шоу / Ф. Азизов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – № 1 (319) – С. 274-280.

[3-М]. Азизов, Ф. Баъзе қолабҳои жанрии ток-шоу / Ф. Азизов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2020. – № 1 (84). – С. 175-180.

II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[4-М]. Азизов, Ф. Заминаҳои рушди ток-шоу / Ф. Азизов // Журналистикаи байналхалқӣ – VIII (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2019. – С. 46-50.

[5-М]. Азизов, Ф. Мушкилоти оби тоза ва инъикоси он дар телевизион / Ф. Азизов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Дипломатияи об ва омилҳои фарогири он дар бозтоби воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои Осиёи Марказӣ». – Душанбе, 25-26-уми ноябри 2019. – С.171-174.

Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

1. Тақризи номзади илми филология, муовини директори Муассисаи давлатии «Академияи ВАО-и Тоҷикистон» Каримзода Ҳақназар мусбат буда, дар он эрод оварда нашудааст.

2. Тақризи номзади илми филология, сармуҳаррири идораи таҳлилии Муассисаи давлатии телевизиони «Ҷаҳоннамо» Соҳибова Барно низ мусбат буда, дар он эродҳои зерин манзур шудаанд:

1. Ҳолатҳое мушоҳида шуданд, ки диссертант нисбат ба иқтибосҳо ва барномаҳо мавқеи худро мушаххас нишон надода, онҳоро чун фикри анҷомёфта истифода мекунад.

2. Ҳолатҳои такрори фикр мушоҳида шуд.

3. Дар тақризи номзади илми филология, сармуҳаррири Муассисаи давлатии маҷаллаи «Илм ва ҳаёт» Хушдил Раҳимҷон дастовардҳои довталаб ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ таъкид гардида, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

1. Диссертант доир ба вазъи ток-шоуҳои имрӯзаи телевизионҳои мавриди назари худ маълумот дода, онҳоро бо барномаҳои собиқи телевизиони тоҷик, ки дар онҳо унсурҳои жанри ток-шоу дида мешуд, муқоиса мекунад. Ба назари мо, ҳамин муқоисаҳо нопурра мондаанд (бо унсурҳои ин жанр барномаҳо ҷолиб буданд, аммо чаро имрӯз бо вуҷуди имконоти жанрӣ он ҷаззобият нест?)

2. Дар баъзе мисолҳо назари таҳқиқии диссертант мушоҳида нашуд: мушаххас нашудани мавқеи ӯ нисбат ба барномаҳо ба назар нарасид.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии онро таъкид карда, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор донистаанд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси ичро кардани таҳқиқи илмӣ:

- заминаҳои пайдоиш ва ташаккули жанрҳои публитсистикаи телевизион, хусусан ток-шоу, **таҳлил ва арзёбӣ гардидааст**;
- таъсири хосияти иҷтимоии телевизион ба шаклгирии ток-шоу, умумият ва бартарияту афзалияти ин жанр аз дигар жанрҳои телевизионӣ **муайян карда шудааст**;
- умумияту тафовути жанрҳои ток-шоумонанд, ҳалли мушкилоти интихоби мавзуъ дар шабакаҳои телевизионӣ, василаҳо ё имконоти барномаҳои шифоҳӣ аз рӯйи шаклу мавзуъ ва ташхиси моҳияти иҷтимоии мавзуи баррасишаванда дар фазои як барнома ба вуҷуд меоянд, ки **таҳқиқу баррасӣ гардидаанд**;
- махсусияту таъйиноти жанрии ток-шоу ва мавқеи он дар низоми жанрҳои таҳлилию андармонсоз **муайян карда шудааст**;
- фардияту оммавияти андеша, таҳқиқи амиқи мавзуи баррасишавандаю хосияти маънавии барнома ва дигар хусусиятҳои адабию публитсистии жанри ток-шоу дар телевизиони муосир **тариқи таҳқиқ исбот шудааст.**

Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир меёбад, ки нақш, таъсир ва мавқеи жанри ток-шоу ҳамчун намунаи жанри публитсистикаи телевизионӣ дар раванди ташаккулу таҳаввули афкори ҷомеа муайян карда шудааст. Масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ дар доира ва қолаби ток-шоуи телевизионӣ баррасӣ гардида, унсурҳои баёни воқеият, мушоҳидаю таҳқиқ, баррасиютафсил, факту аснод ва хулосаву муҳокима ҳамчун ҷузъиёти фарогирандаи ток-шоу таъйин шудаанд. Аҳаммияти дигари рисола дар он зоҳир меёбад, ки ин кори таҳқиқӣ асосҳои илмии омӯзиши қонунмандӣ ва таркиби жанрӣ, халқияти барнома, хусусияти адабию фарҳангии матлаб, фарогирии воқеияти рӯз, нақши наворҳои таъсирбахш, тарғибу муаррифии симо ва мусоидат дар ҳалли мушкилоту муаммои иҷтимоиро тақвият мебахшад. Ҷузъиёти назарии дар ин рисола баёншуда дар ҷараёни пажӯҳиши жанрии телевизион дорои аҳаммияти вижа мебошад. Қонунмандиҳои жанрӣ-

таъинотии ток-шоу, ки дар диссертатсия муайян шудаанд, то андозае донишҳои назариро дар илми журналистика таквият мебахшанд ва дар умум дорои арзишҳои илмӣ мебошанд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ ва таҳқиқи масъалаҳои ҷудогона таҷриба ва дастовардҳои илмию методии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла Г.В. Кузнетсова, В.Л. Свик, Е.П. Прохоров, В. В. Ворошилов, Г.В. Лазутина, С.А. Муратов, А.А. Шерел, М.И. Шостак, А. Юровский, Е. Пронина, Э. Полетаев, Е. Теплюк, И. Усмонов, Б. Камолиддинов, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, М. Муродов, Ҷ. Мукимов, Д. Давронов, А. Азимов, С. Гулов, Д. Бобоев, А. Қутбиддинов, З. Муминҷонов ва С. Хоҷазод ҳамчун маводи назарӣ **омӯхта ва истифода шудаанд.**

Дар диссертатсия **усулҳои** муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлилӣ-муқоисавӣ, таҳлили анъанавӣ ва контентӣ (мухтавой) ва таҳлили мантиқии муқоиса **истифода шудаанд.**

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дарачаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки ин таҳқиқи илмӣ ва маводи ҷамъовардашуда метавонад ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни курсҳои махсус доир ба таърихи телевизион ва асосҳои эҷоди журналистикаи телевизион мавриди истифода қарор гирад. Маводи диссертатсия барои таҳқиқу муайян намудани зинаҳои мавзуию мундаричавӣ, қолабу вижагиҳои жанрӣ ва хосияту таъсирбахшии жанри ток-шоу истифода шуда метавонад. Ҳамчунин, маводи таҳқиқро ҳангоми таълими фанни «Асосҳои фаъолияти журналистӣ» ва фанҳои интихобӣ дар факулта ва шуъбаҳои журналистикаи макотиби олии ҷумҳурӣ истифода кардан мумкин аст.

Ғояи диссертатсия дар заминаи таҳлили барномаҳои телевизионӣ ва махсусан, ток-шоу **асоснок карда шудааст.**

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарияи журналистикаи хориҷию ватанӣ истифода шудааст. Дар умум, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз мушаххас будани мавзуъ, дақиқии маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби усулҳои таҳқиқ бармеоянд. Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар асоси таҳлили илмию назарӣ пешниҳод шудаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, ҷамъоварии мавод ва сарчашмаҳои зарурӣ, натиҷа ва хулосаҳои асосии кор, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуктаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Муаллифи диссертатсия дар баррасии масъалаҳои меҳварии таҳқиқ, корбурди усулҳои дурусту маъмулии таҳлилу баррасии барномаҳои телевизионӣ, бо низоми муайян ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва баёни фарзияҳо барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ дастовардҳои назаррас дорад. Диссертант нақши ток-шоуро дар телевизион таҳқиқу таҳлил намуда, мухтассоти ин жанрро таъйин карда, натиҷаҳои таҳқиқро дар шакли мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2022 дар бораи сазовор донистани Азизов Фируз Шарифович ба дараҷаи илмии номзади илми филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мақсудов Бадриддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сирочиддини Эмомалӣ
29.12.2022